## ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич, 06 октябри соли 1973 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 1995 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои савдо ва хӯроки омма хатм кардааст. Солҳои 1995-1998 ҳамчун ассистенти кафедраи менеҷмент ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатию кооперативии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 1998-2003 ассистент, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 2004-2006 дар вазифаи муовини декани факултети иқтисодиёт ва менеҷмент оид ба тарбия ва солҳои 2006-2013 ҳамчун мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2013-2018 вазифаи декани факултети иқтисодиёт ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро ба ухда дошт.

Аз ноябри соли 2018 то ҳол ба ҳайси мудири кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мирзоалиев А.А. 05 апрели соли 2005 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Мониторинги низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити бозор» аз руйи ихтиоси иқтисодиёти меҳнат зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Нурмаҳмадов Мирмаҳмад бомувафақият ҳимоя намудааст.

18 марти соли 2009 ба унвони илмии дотсенти кафедраи менеҷмент мушарраф гадидааст.

Мавзӯи диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 06 марти соли 2019, протоколи № 9 тасдиқ гардидааст.

Мирзоалиев А.А. дар зиёда аз 50 конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, корҳои илмиашро оид ба натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

Зери роҳбарии Мирзоалиев А.А. то ҳол 3 нафар довталаб рисолаҳои номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуданд ва ҳоло 2 довталаби дтигар дар арафаи ҳимоя қарор доранд.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Абдурашид Абдунабиевич худро ҳамчун таҳқиқотчии фаъол нишон дода, барои омода намудани рисолаи докторӣ аз адабиёти ватанию хориҷии соҳавӣ васеъ истифода намудааст.

Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияташ таҳия шудаанд, аз доираи фаъолияти ӯ дарак медиҳанд. Оид ба мавзӯи рисолаи докторӣ довталаб дар маҷмӯъ беш за 70 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, аз ҷумла 4 монография ва беш аз 40 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия» ба масоили мубрами рушди сармояи инсонӣ бахшида шудааст.

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба технологияҳои инноватсионию рақамӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи рушди иқтисодиёти рақами барои давраи то соли 2040 робита дорад. Инчунин мавзӯи таҳқиқот дар доираи накшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлати тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, иҷро гардидааст.

Натиҷаҳои илмию амалии диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.12– Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ. Сармояи инсонӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия» дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлати тиҷорати Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад. Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти Вазорати рушди иқтисоди ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои алоҳидаи савдои чакана метавон истифода бурд.

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсадҳои предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои идоракунии рушди иқтидори кадрӣ бо таваҷҷӯҳ ба такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии раванди идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия» рисолаи мустақилона ва дар мавзӯи мубрам иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат тавсия мегардад.

Мушовири илмӣ:
Муовини ректор оид ба илм ва
робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р.

*Имзои Шаропов Ф.Р.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН · ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ · ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС · ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

06 июни соли 2023